**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Бустонзода Тахмина Бустон дар мавзуи “Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон. – Душанбе, 2026. – 45 с.**

Масъалаҳои марбут ба маъно ва навъҳои он дар забоншиносии муосир яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти илмӣ ба шумор меравад. Дар забоншиносии муосир маъно, асосан, дар доираи самтҳои гуногуни илмҳое ҳамчун фалсафа, мантиқ, семиотика ё нишонашиносӣ, забоншиносӣ, аз қабили, маъношиносии лингвистӣ, забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ), фарҳангӣ, қавмӣ баррасӣ мегардад. Вале дар таҳқиқи мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ба пажуҳиши хусусияти маънои коннотативӣ яке аз маъноҳои прагматикӣ ҳамчун навъи маънои луғавӣ дар низоми маъношиносии луғавӣ дар доираи парадигмаи маъношиносии лингвистӣ равона гардидааст.

Дар муқаддимаи автореферати диссертатсия мубрамии мавзуъ бо далелҳои илмӣ асоснок гардида, дараҷаи омузиши масъала дар забоншиносии тоҷик ва хориҷӣ баррасӣ шудааст.

Тавре аз автореферат аён аст, диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Боби якум **«Хусусият ва хелҳои маъно дар маъношиносӣ»** ном дошта, аз се фасл иборат мебошанд. Дар боби якуми диссертатсия асосҳои назариявии маъношиносии лингвистӣ ба таври муфассал таҳлил гардида, хусусият ва навъҳои маънои луғавӣ, маънои прагматикӣ ва ҷойгоҳи маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ баррасӣ шудаанд.

Боби дуюм **«Таъсирпазирии маъноҳои корбурдӣ-прагматикӣ»** ном дошта, фарогири се фасл мебошад. Агар дар фасли якум масъалаи муносибати маънои коннотативӣ ва маънои услубӣ баррасӣ шуда бошад, дар фасли дуюм ва сеюм робитаи маънои коннотативӣ бо маънои эҳсосӣ,

инчунин, муносибати маънои коннотативӣ бо маънои баҳодиҳӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Боби сеюм **«Ифодаи маънои коннотативӣ дар бахшҳои маъношиносии лингвистӣ»** ном дошта, дар чор фасл таҳлилу баррасӣ шудааст. Муаллиф дар асоси маводди асари «Дар орзуи падар»-и Кароматулло Мирзо имкониятҳои гуногуни зуҳури коннотатсияро бо мисолҳо нишон додааст.

Хулоса аз 11 банд иборат буда, натиҷаҳои асосии таҳқиқро ҷамъбаст менамояд. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 6 банд оварда шуда, дар ҳолати ба инобат гирифтану мавриди татбиқ қарор додани онҳо назарияву амалияи семантика, маъношиносии лингвистии соҳаи забоншиносии тоҷик метавонад боз ҳам тавсеа ёбад.

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас, дар диссертатсия ва автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталаб низ ба назар мерасанд:

1. Дар корбурди истилоҳоти забоншиносӣ дар автореферат ягонагӣ нест. Ҳам истилоҳи русӣ ва ҳам тоҷикӣ «маъно» ва «семантика» истифода шудаанд;

2. Ҷо-ҷо хатогиҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ дар баъзе ҷумлаҳо ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор аст.

Дар умум, камбудиҳои мавҷудбуда ба аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазир буда, бартараф хоҳанд шуд ва барои корҳои минбаъда тавсия дода мешаванд.

Фишурдаи диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи **Бустонзода Тахмина Бустон** дар мавзуи **"Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои "Дар орзуи падар"-и Кароматулло Мирзо)"**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти анҷомёфта, мустақилона ва арзишманди илмӣ буда, ба

талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон мебошад.

Муқарриз:
н.и.ф., *ходими калони илмии*
*Институти забон ва адабиёти*
*ба номи Абуабдуллоҳи*
*Рӯдакии АМИТ* Сайдалиева Муҳайё Хостихудоеван
"29" июни соли 2026


Нишонӣ: 734055 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21.
Тел: (+992) 988201903
E-mail: muhaio.saidalieva@mail.ru


Имзои М. Сайдалиеваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДБССТ Давлатов Фирдавс Қосимович
"29" июни соли 2026